# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қозизода Шуҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 -Таърихи ватанӣ). Душанбе, 2026.**

Диссертатсияи Қозизода Шуҳратҷон ба масъалаи таърихи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ бахшида шуда, муҳиммияти мавзуъ, дар он аст, ки таҳқиқоти ҳамаҷониба ва таҳлили равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии рушди ноҳия саҳифаҳои норӯшани таърихи онро равшан сохта, ба бисёре аз масъалаҳои баҳсталаби таърихи ноҳия нуқта мегузорад. То имрӯз доир ба таърихи ташкилёбӣ ва ташаккули ноҳияи Масчоҳ ҳамчун як минтақаи саноатию кишоварзӣ дар доираи як рисолаи мустақили таҳқиқотӣ ба таври ҳамаҷониба пажӯҳише ба анҷом нарасидааст. Гарчанде дар солҳои гуногун доир ба таърихи ноҳия мақолаҳо ва китобҳои алоҳидаи илмӣ-оммавӣ ба табъ расидаанд, вале онҳо бештар хусусияти тавсифӣ дошта, раванди ташкилёбӣ ва рушди ноҳияро дар заминаи таҳлили мукаммали манобеи таърихӣ ба шакли муназзам инъикос карда наметавонанд.

Ҳадафи асосии таҳқиқотии рисола инъикоси таърихи ташакулёбӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ мебошад.

Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқи таърихи ташаккулёбӣ ва рушди ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар давраи таҳқиқшаванда ташкил медиҳад.

Предмети таҳқиқот омӯзиши раванди дигаргунсозиҳо, инчунин маҷмӯи равандҳо, хусусиятҳо ва қонунмандиҳои рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1955-2021 мебошад, ки дар заминаи онҳо тағйироти сохторӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ минтақаи мазкур тавсиф мегардад.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он бар меояд, ки бори нахуст масъалаи ташкилёбии ноҳияи Масчоҳ, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ба маркази калони кишоварзӣ табдил ёфтани он дар ду марҳалаи таърихӣ дар доираи як рисолаи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Гарчанде рисола ду марҳалаи таърихиро фаро мегирад ва онҳо аз рӯи хусусиятҳои худ тафовут доранд, маҳз дар ҳамин давра дар тамоми самтҳои ҳаёти ноҳия дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ омаданд, ки онҳо дар бахшҳои алоҳидаи рисола тасвир ёфтаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, марҳала, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии натиҷаҳои ба даст омада, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, инчунин аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқоти анҷомёфта, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои илмӣ, интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шуда, вобаста ба талаботи муқарраршуда маълумот медиҳад.

Дар боби аввали рисола - *«Азхудкунии заминҳои бекорхобида ва ташкилёбии ноҳияи Масчоҳ»* омилҳо ва сабабҳои асосии азхудкунии заминҳои нав ва муҳоҷир намудани сокинони Кӯҳистони Масчоҳ ба дашти Дилварзин ва ташкилёбии ноҳияи нави Масчоҳ бахшида шудааст. Боби дуюми рисола – *«Ноҳияи Масчоҳ ва рушди он дар замони шуравӣ (1955-1991)»* ба таҳқиқи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони шуравӣ бахшида шудааст. Боби сеюми рисола- *«Ноҳияи Масчоҳ дар замони истиқлол (1991-2021)»* ба ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ҷамъиятӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони истиқлолият бахшида шуда, ки дар он асосан ба таври муфассал рушди маорифи ноҳия дар замони соҳибистиқлолӣ, дигаргуншавии симои фарҳангии ноҳия ва баланд гардидани сатҳи маърифатии сокинони он инъикос ёфтааст.

**Дар хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳоди муаллиф баҳри дар оянда таҳқиқ намудани масъалаи мазкур оварда шудаанд.

Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ ва арзёбии аҳамияти он аз он иборат аст, ки унвонҷӯй дар асоси маъхазҳо, таҳқиқи саҳроӣ ва адабиёти илмӣ масъалаи мазкур таҳқиқ кардааст. Дар ҳамин асос сарчашмаҳои заруриро таҳлил намуда, хулосаҳои шахсиро баён намуда, ки натиҷаҳои дилхоҳ бароварда шудаанд. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқи мустақими унвонҷӯй ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ мустақилона баён ва иҷро шудааст, ки дар он асос ва натиҷаҳои таҳқиқ инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои мушаххаси илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки унвонҷӯй дар таърихнигории ватанӣ бори нахуст шуда, оид ба таърихи ноҳияи масчоҳ таҳқики илмӣ анҷом дода, хулосаҳои дақиқи илмӣ пешниход намудааст, ки аҳаммияти калон доранд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 12 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзуи **«Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)»** ба талаботи бандҳои 31, 33 – 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ гардидааст, комилан мутобиқ буда, муаллифи он – Қозизода Шуҳратҷон – сазовори гирифтани дараҷаи илмии барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 -Таърихи ватанӣ) мебошад.

Номзади илмҳои таърих,
мудири кафедраи таърих ва ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи
Моёншо Назаршоев Занҷирбекова Гулноз Исломбековна

Суроға: 73600, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, кӯч. Ш. Шотемур, 29
Телефон: (+992) 3522 2-45-79;
Почтаи эл.: info@khogu.tj

Имзои номзади илмҳои таърих Г.И.Занҷирбековаро
тасдиқ мекунам: Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДХ ба номи
М. Назаршоев Саидраҳмонов Н. С.

КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС

19.01.2026.